# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи доктории Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки бо истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқи гражданӣ масъалаҳои нав ба вуҷуд омаданд. Яке аз чунин масъалаҳо танзими самаранокӣ сифати мол, кор ва хизмат, хизматрасониҳои музднoки баҳодиҳии мутобиқат, аудити сифат ва мутобиқгардонии қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёрҳои ҳатмии Созмони умумиҷаҳонии савдо мебошанд. Аз матни диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯй масъалаҳои ҷудо намудани аккредитатсия аз сертификатсияи мутобиқат, идоракунии хусусии сифати мол, кор ва хизматро дар шартномаҳои гуногуни хариду фурӯш, хизматрасониҳои мухталифи музднок, инчунин, дар шартномаҳои корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ бо усули хосса таҳлил намуда, андеша ва пешниҳодҳои худро ҷиҳати такмили қонунгузории ҷумҳурӣ изҳор намудааст. Таҳқиқоти мазкур навгонии илмии эътимоднок дорад, ки дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, собит мегардад. Онҳо барои ғанӣ гардонидани донишҳои ҳуқуқи гражданӣ ва такмили танзими ҳуқуқи граждании сифати мол, кор ва хизмат дар шароити ҷумҳурӣ аҳамияти муҳим доранд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот барои тарбия ва тайёр намудани мутахассисони ҳуқуқшинос заминаи илмӣ мегузоранд.

Гуфтаҳои боло бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони муосир омӯзиши танзими ҳуқуқи граждании сифати мол, кор ва хизмат мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯйро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 49 асари илмӣ ва таълимӣ, аз ҷумла дар 2 монография, 5 китоби дарсӣ, 1 васоити таълимӣ, 2 тафсири илмию амалии қонунҳои соҳавӣ инъикос шудаанд. Унвонҷӯй муаллифи 27 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва дигар мақолаҳо буда, ҳаҷми умумии асарҳои ӯ зиёда аз 100 ҷузъи чопӣ мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода П. З. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият

дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта, Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи доктории Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Исмоилов Шавкат Маҳмудович – профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон;

– Раупова Манзура Турсуновна – профессори кафедраи ҳуқуқ ва идоракунии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

– Меликов Умрилло Асадуллоевич – профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таълимии байнидавлатӣ «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани

автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя 7–уми марти соли 2023 соати 10 $^{00}$ таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Маҳмудзода М. А.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои Шӯрои диссертатсионӣ: Тағойназаров Ш. Т.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент: Бобоҷонзода И. Ҳ.

**21.11.2022**